# Ҳисоботи солона
## Оид ба фикру мулоҳизаҳои андозсупорандагон вобаста ба сифати хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз дар шакли электронӣ, ки ба воситаи механизми бозгашт ҷамъоварӣ шудаанд барои соли 2023

Дар доираи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қабулгардида аз ҷумла, Консепсияи иқтисоди рақамӣ (аз 30.12.2019) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ" (аз 02.04.2020) ҷиҳати рақамикунонии соҳа, беҳтар намудани муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагону шаҳрвандон, аз ҷониби Кумитаи андоз (Бо назардошти муттаҳид ва гуруҳбандӣ намудани онҳо) зиёда аз 43 адад хизматрасониҳои давлатӣ дар шакли электронӣ мавриди истифода қарор дода шудааст, ки барои содаю қулай намудани иҷрои уҳдадориҳои андозии андозсупорандагон мусоидат менамоянд.

Бо мақсади дар сомонаи Кумитаи андоз нашр намудани ҳисоботи солона вобаста ба андешаҳои андозсупорандагон доир ба татбиқи хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз дар шакли электронӣ, ки тавассути механизми бозгашт ҷамъоварӣ шудаанд, бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 26.11.2021, №553 модули "Баҳогузории сифати хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз дар шакли электронӣ" роҳандозӣ гардидааст, ки бо истифода аз он хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз аз ҷониби шаҳрвандону андозсупорандагон баҳогузорӣ карда мешаванд.

Дар соли 2023, дар маҷмуъ 6360 нафар андозсупорандагон сифати хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз дар шакли электрониро баҳогузорӣ намудаанд, ки аз ин шумора 2817 адад ё 44,3 фоиз шахсони ҳуқуқӣ, 2150 нафар ё 33,8 фоиз соҳибкорони инфиродӣ, 1140 нафар ё 17,9 фоиз шахсони воқеӣ ва 253 адад ё 4,0 фоиз мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои молиявӣ мебошанд.

Аз шумораи умумии шахсони дар баҳогузорӣ иштирок дошта, 531 адад ё 8,3 фоиз сифати хизматрасониҳои электронии мақомоти андозро манфӣ ё қаноатбахш (баҳои ду ва се) ва 5829 адад ё 91,7 фоизи онҳо хубу аъло (баҳои 4 ва панҷ) баҳогузорӣ намудаанд. Аз шумораи шахсоне, ки сифати хизматрасониҳоро манфӣ ва ё қаноатбахш баҳогузорӣ намудаанд 150 адад ё 28,2 фоизи онҳо ба вилояти Суғд, 100 адад ё 18,8 фоиз ба дастгоҳи марказии Кумитаи андоз, 39 адад ё 7,3 фоиз ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва боқимонда ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ рост меоянд.

Мавзуҳои асосии баҳогузории шаҳрвандону андозсупорандагон асосан ба масъалаҳои пешниҳоди ҳисоботҳо дар шакли электронӣ ва бо мақомоти андоз тартиб додани санади муқоисавӣ дахл доранд. Аз ҷумла, дар ин давра 2840 адад ё 44,6 фоизи баҳогузорӣ ба пешниҳоди эъломияҳо дар шакли

электронӣ, 1255 ё 19,7 фоиз ба тартиб додани санадҳои муқоисавӣ, 347 адад ё 5,5 фоиз ба пардохти андозҳо ба таври ғайринақдӣ (тавассути кортҳои пардохти бонкӣ) ва дигар масъалаҳо вобастагӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки аксарияти шахсони сифати хизматрасониҳои мақомоти андозро "хуб" ё "аъло" баҳогузорӣ намуда иброз доштанд, ки "Аз иқдомҳои роҳандозӣ намудаи Кумитаи андоз вобаста ба ҷорӣ намудани тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо ва ҳисоботҳои андозӣ, корӣ соҳибкорон хело осон ва сабук шудааст. Пештар барои пешниҳоди ҳисоботҳо муддатҳои дароз дар нозироти андоз навбат меистодем, ҳоло бошад ин мушкилиҳо бартараф шудаанд."

Инчунин, гуруҳи дигари андозсупорандагоне, ки сифати хизматрасониҳои мақомоти андозро "хуб" баҳогузорӣ намудаанд қайд кардаанд, ки "минбаъд ҳама мукотибот бо мақомоти андоз дар шакли электронӣ анҷом дода шуда, дигар ба нозироти андоз ташриф овардан зарурият надорад ва мо соҳибкорон овора шуда аз роҳи дур барои ҳисоботсупорӣ ба мақомоти андоз намеравем."

Дар баробари ин, таҳлилу омузиши масъалаи баҳогузории сифати хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз нишон медиҳанд, ки дар баъзе самтҳои фаъолияти мақомоти андоз ҳоло ҳам як қатор мушкилиҳо ҷой доранд.

Аз ҷумла, эродҳои андозсупорандагон асосан ба нокифоя будани корҳои фаҳмондадиҳӣ вобаста ба истифодабарии модулҳои барномаҳои компютерӣ ва хизматрасониҳои электронии мақомоти андоз, суръати пасти интернет, сари вақт дар ҷойи корӣ дарёфт карда натавонистани корманди мақомоти андоз ва дигар масъалаҳо алоқамандӣ дорад.

Бо назардошти ҳолатҳои қайд гардида ва ҷиҳати аз ҷониби андозсупорандагону шаҳрвандон ба таври васеъ истифода гардидани модули "Баҳогузории сифати хизматрасонии мақомоти андоз", ки дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир карда шудааст инчунин, пайваста такмил додану беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои давлатии мақомоти андоз дар шакли электронӣ, чораҳои иловагӣ андешида мешавад.